## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (ш. Душанбе, 2026 сол)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, пурра мувофиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқот ба яке аз институтҳои асосии ҳуқуқи уҳдадорӣ – тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо бахшида шудааст, ки дар доираи ихтисоси мазкур қарор дорад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар марҳилаи муосири рушди иқтисоди бозорӣ ва муносибатҳои шартномавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини боэътимоди иҷрои уҳдадориҳо аҳаммияти калидӣ касб намудааст. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки сарфи назар аз мавҷудияти шаш намуди асосии тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо (ноустуворона, гарав, нигоҳдорӣ, замонат, кафолати бонкӣ, байъона) дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи онҳо аксар вақт бо мушкилотҳои ҳуқуқӣ, номуайянии меъёрҳо ва ихтилоф дар амалияи судӣ ҳамроҳӣ мекунад.

Бо вуҷуди он ки қонунгузории маданӣ принсипҳои умумии иҷрои уҳдадориҳоро муқаррар мекунад, масъалаҳои марбут ба мафҳум,

хусусиятҳо ва табиати ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ, таносуби тарзҳои таъмин ва воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ, инчунин намудҳои алоҳидаи тарзҳои таъмин то ҳол дар илми ҳуқуқи мадании тоҷик ба таври комплексӣ таҳқиқ нашудаанд. Номуайянӣ дар ин масъалаҳо боиси ихтилоф дар шарҳи меъёрҳо, мушкилот дар татбиқи амалии онҳо ва коҳиши самаранокии ҳифзи ҳуқуқҳои кредиторон мегардад.

Аз ҷиҳати назариявӣ низ мавзуи мазкур то имрӯз дар илми ҳуқуқи маданӣ ба таври фарогир таҳқиқ нашуда, масъалаҳои консептуалӣ, аз ҷумла табиати ҳуқуқии ноустуворона, гарав, замонат, нигоҳдорӣ ва кафолати бонкӣ, хусусияти аксессории онҳо ва ҷойгоҳашон дар низоми ҳуқуқи уҳдадорӣ, ниёз ба баррасии амиқ доранд.

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ, муайян намудани холигиҳо ва зиддиятҳои қонунгузорӣ ва таҳияи пешниҳодҳои илмии асоснок ҷиҳати такмили меъёрҳои амалкунанда аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар таҳқиқи маҷмуи ва низомноки масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Дар рисола бори аввал дар илми ҳуқуқи мадании тоҷик масъалаи муайян намудани мафҳум, хусусиятҳо ва табиати ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқи уҳдадорӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Муаллиф дар асоси таҳлили муқоисавии қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии хориҷӣ (Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Олмон, Фаронса) як қатор хулосаҳои назариявии нав ба миён гузоштааст, ки ба такмили фаҳмиши моҳияти ҳуқуқии тарзҳои таъмин, хусусиятҳои аксессории онҳо ва таносубашон бо воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ равона шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар зерин ифода меёбад:

1. Таҳияи мафҳумҳои нави илмӣ – муаллиф мафҳуми нави илмии «замонат»-ро пешниҳод кардааст: «Замонат – ҳамчун воситаи таъмини иҷрои уҳдадорӣ, уҳдадории иловагӣ аст, ки байни кредитор ва зомин дар шакли хаттӣ баста шуда, дар ҳолати вайрон гардидани уҳдадорӣ мувофиқи шартномаи асосӣ аз ҷониби қарздор таъмини иҷрои уҳдадории мазкур ба ҳолати фаъол ба зомин ҳамчун қарздори изофӣ мегузарад, охирин дар ҳаҷми муқарраркардаи шартномаи замонат пурра ё қисман масъул мегардад» (саҳ. 128-129).

2. Пешниҳоди тағйироту иловаҳо ба КМ ҶТ – муаллиф 4 пешниҳоди мушаххаси ислоҳотиро ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 381, 383, 418, 422) пешниҳод кардааст, аз ҷумла:

- иваз намудани ибораи «ноустуворонаи қонунӣ» ба «ноустуворонаи меъёрӣ»;
- пешбинии имконияти ноустуворонаи молу мулкӣ;
- муқаррар намудани подош барои зомин;
- такмили ҳуқуқи регресси зомин.

3. Таснифоти нави тарзҳои таъмин – муаллиф тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳоро вобаста ба меъёрҳои гуногун (умумӣ ва махсус, аксессорӣ ва мустақил) тасниф кардааст (саҳ. 11, 37).

4. Таҳлили таносуби тарзҳои таъмин ва воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ – дар диссертатсия ба таври илмӣ асоснок карда шудааст, ки таъмини иҷрои уҳдадорӣ бештар пешгирикунанда ва ҳавасмандкунанда буда, ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ бештар ҷубронкунанда ва барқароркунанда мебошад (саҳ. 31-45).

5. Таҳлили муқоисавии ҳуқуқи таърихӣ – дар диссертатсия бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик рушди институти замонат дар ҳуқуқи авестой, ҳуқуқи римӣ, ҳуқуқи мусулмонӣ ба таври муқоисавӣ таҳлил шудааст (саҳ. 108-116).

6. Таҳлили ҳуқуқии байъона дар музоядаҳо – дар диссертатсия байъонаи классикӣ (моддаи 438 КМ ҶТ) аз байъонае, ки дар музоядаҳо ва тендерҳо истифода мешавад (қисми 5 моддаи 514 КМ ҶТ), ҷудо карда шудааст (саҳ. 100-103).

7. Таҳлили амиқи амалияи судӣ – дар диссертатсия зиёда аз 4 парвандаи судӣ таҳлил шудааст, ки ба асоснокии назариявӣ ва амалии хулосаҳо мусоидат намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида бар пояи таҳлили муфассали манбаъҳои меъёрӣ (зиёда аз 15 санади меъёрии ҳуқуқӣ), назарияҳои муосири ҳуқуқи маданӣ ва омӯзиши амалии судӣ таҳия гардидаанд. Муаллиф масъалаҳои мавриди баррасиро на танҳо аз нигоҳи матни қонун, балки дар иртибот бо мушкилоти татбиқи амалии онҳо таҳлил намуда, ба натиҷаҳои мантиқӣ ва пайгирона расидааст.

Эътимоднокии натиҷаҳо бо истифодаи маҷмуи васеи сарчашмаҳои илмӣ (беш аз 130 сарчашма), таҳқиқоти муқоисавӣ ва арзёбии таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ таъмин шудааст. Хулосаҳо дар заминаи таҳлили интиқодӣ, муқоисаи мавқеъҳои гуногуни илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ (О.У. Усмонов, М.А. Маҳмудзода, Ш.К. Ғаюрзода, М.З. Раҳимзода, М.И. Брагинский, В.В. Витрянский, Б.М. Гонгало, Е.А. Суханов, О.С. Иоффе, С.В. Сарбаш, К.А. Новиков ва дигарон) ва ҷамъбасти далелҳои назариявию амалӣ ба даст омадаанд, ки ин ба онҳо устувории илмӣ мебахшад.

Тавсияҳои пешниҳодшуда хусусияти декларативӣ надошта, баръакс, бо мушкилоти воқеии амалияи ҳуқуқӣ (парвандаҳои судӣ аз бойгонии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон) робитаи мустақим доранд. Онҳо ба бартараф намудани номуайяниҳои меъёрӣ, ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ ва таъмини устувории муносибатҳои шартномавӣ равона гардидаанд. Мантиқи дохилии таҳқиқ, муттасилӣ ва пайдарпайии баррасии

масъалаҳо нишон медиҳад, ки натиҷаҳои бадастомада аз таҳлили амиқ ва системавӣ сарчашма мегиранд.

Ҳамин тариқ, хулосаю тавсияҳои ифодаёфта дорои заминаи устувори назариявӣ ва арзиши амалӣ буда, метавонанд ҳамчун асос барои такмили қонунгузорӣ ва рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ истифода шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Рисола аз феҳристи муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 185 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар қисми муқаддима зарурати интихоби мавзуи таҳқиқ аз ҷиҳати аҳаммияти илмӣ ва амалӣ бо далелҳои муътамад асоснок гардидааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар доираи назарияи ҳуқуқи маданӣ ва таҷрибаи амалии татбиқи меъёрҳои танзимкунандаи таъмини иҷрои уҳдадориҳо масъалаҳои ҳалталаб ва номуайянии ҳуқуқӣ мавҷуданд. Ҳамзамон, дар муқаддима мақсад ва вазифаҳои илмӣ, объект ва предмети омӯзиш, асосҳои методологӣ, инчунин унсурҳои навгонии илмӣ ва арзиши амалии натиҷаҳои бадастомада мушаххас ифода ёфтаанд.

**Боби якум** («Муқаррароти умумӣ оид ба таъмини иҷрои уҳдадорӣ», саҳ. 16-45) ба мафҳум, хусусиятҳо ва таносуби тарзҳои таъмин бо воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф нишон медиҳад, ки таъмини иҷрои уҳдадорӣ як институти муҳими ҳуқуқи маданӣ буда, дорои хусусиятҳои аксессорӣ, ҳавасмандкунанда ва ҳимоявӣ мебошад. Таҳлили таносуби тарзҳои таъмин ва воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ (саҳ. 31-45) хеле ҷолиб аст.

Дар **боби дуюм** («Таснифи тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ», саҳ. 46-107) намудҳо ва табиати ҳуқуқии ноустуворона (саҳ. 46-66), гарав (саҳ. 66-95) ва байъона (саҳ. 95-107) таҳлил шудаанд. Дар ин боб муаллиф пешниҳоди ҷорӣ намудани «ноустуворонаи меъёрӣ»-ро пешниҳод

мекунад (саҳ. 51). Дар қисми гарав муаллиф намудҳои гуногуни гарав (ипотека, гарав бо супурдани амвол, гарав бо боқӣ мондани амвол, гарави молҳои дар гардиш буда, гарав дар ломбард)-ро таҳлил кардааст.

**Боби сеюм** («Хусусиятҳои замонат, нигоҳдошт ва кафолати бонкӣ дар низоми намудҳои тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ», саҳ. 108-161) ба таҳлили замонат (саҳ. 108-130), нигоҳдорӣ (саҳ. 130-150) ва кафолати бонкӣ (саҳ. 150-161) бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф таҳлили таърихии ғанӣ оид ба рушди институти замонат дар ҳуқуқи авестой, римӣ, мусулмонӣ пешниҳод кардааст (саҳ. 108-116), ки бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик анҷом дода мешавад.

Хулосаи диссертатсия 5 нуқтаи дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалиро дар бар мегирад, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашударо ҷамъбаст намуда, дорои низоми мантиқӣ ва пайдарпай мебошад. Дар қисми хулоса, инчунин як қатор тавсияҳои мушаххаси қонунгузорӣ пешниҳод шудаанд, ки ба такмили моддаҳои 381, 383, 418, 422 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар рисола заминаи назариявии таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар доираи ҳуқуқи маданӣ такмил ва густариш дода шудааст. Муаллиф мафҳум, хусусиятҳо ва табиати ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ, таносуби тарзҳои таъмин ва воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ, инчунин намудҳои алоҳидаи тарзҳои таъминро дақиқ намудааст. Хулосаҳои илмии пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун пояи назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи ҳуқуқи уҳдадорӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар имконияти истифодаи онҳо ҳангоми такмили қонунгузории маданӣ ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Пешниҳодҳои мушаххас оид ба ворид намудани

тағйироту иловаҳо ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 381, 383, 418, 422) метавонанд барои мақомоти қонунгузор, судҳо ва дигар субъектҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ манфиатовар бошанд. Ҳамзамон, маводи таҳқиқ метавонад дар раванди таълими фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи уҳдадорӣ» ва «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» истифода гардад.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки такмили механизмҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадориҳо ба рушди муносибатҳои кредитӣ, сармоягузорӣ ва шартномавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Ин ба коҳиши хатарҳои кредиторон, афзоиши шумораи қарзҳои бонкӣ, рушди бозори ипотека, ҷалби сармояи хориҷӣ ва устувории муносибатҳои иқтисодӣ оварда мерасонад.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки таъмини иҷрои уҳдадориҳо на танҳо манфиатҳои иқтисодии кредиторон, балки ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандонро низ ҳифз мекунад. Дар шартномаҳои қарзӣ барои хариди манзил (ипотека) гарав манфиатҳои бонк ва шаҳрвандро ҳифз мекунад; замонат ва кафолати бонкӣ дар шартномаҳои хидматрасонӣ манфиатҳои истеъмолкунандагонро ҳифз мекунанд; нигоҳдории молу мулки қарздор дар соҳаи хидматрасонии манзилию коммуналӣ манфиатҳои ташкилотҳои манзилию коммуналиро ҳифз мекунад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 17 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 11 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Шумора ва сатҳи маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали аз рӯйи мазмун, сохтор ва сатҳи иҷроиш ба талаботи дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии аз 27-уми декабри соли 2024, №493 пурра мутобиқат менамояд. Таҳқиқот ҳамчун кори илмии мустақилона анҷом дода шуда, дорои сохтори муназзам, пайдарпайии мантиқӣ ва мутобиқати дохилии қисмҳои таркибӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда дорои унсурҳои навгонии назаррас буда, бо таҳлили амиқи манбаъҳои меъёрӣ ва илмӣ асоснок гардидаанд. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва тавсияҳои амалии муаллиф бо фаъолияти нашриявӣ, иштироки ӯ дар 6 конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин муҳокимаи натиҷаҳо дар муҳити илмӣ тасдиқ меёбанд.

Методологияи интихобгардида, сатҳи баланди коркарди манбаъҳо, таҳлили системавӣ ва муқоисавии масъалаҳо, инчунин услуби илмии баён шаҳодат медиҳанд, ки хулосаҳои бадастомада натиҷаи фаъолияти мустақилона, эҷодкорона ва илмии муаллиф мебошанд ва арзиши назариявию амалии воқеӣ доранд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон номбар намуд:

1. Дар бораи байъона – муаллиф байъонаи классикиро аз байъонае, ки дар музоядаҳо истифода мешавад, ҷудо кардааст (саҳ. 100-103), аммо

ба мақсад мувофиқ мебуд, ки таҳлили муқоисавии байъона дар қонунгузории хориҷӣ (масалан, дар ҳуқуқи олмонӣ ва фаронсавӣ) бештар анҷом дода шавад. Ин метавонист пешниҳоди муаллифро дар бораи имконияти ноустуворонаи молу мулкӣ боз ҳам асоснoктар созад.

2. Дар бораи нигоҳдории молу мулки қарздор – муаллиф муносибати нигоҳдориро ба мудофиаи зарурӣ ва зарурати фаврӣ таҳлил кардааст, аммо ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муносибати нигоҳдорӣ ба чораҳои амалиётӣ низ пурратар таҳлил карда шавад (саҳ. 144-149). Дар назарияи ҳуқуқи маданӣ дар ин бора нуқтаҳои назари гуногун мавҷуданд, ки таҳлили онҳо метавонист хулосаҳоро ғанӣ гардонад.

3. Дар бораи мафҳуми «ноустуворонаи меъёрӣ» – муаллиф пешниҳод мекунад, ки ибораи «ноустуворонаи қонунӣ» ба «ноустуворонаи меъёрӣ» иваз карда шавад (саҳ. 166). Ин пешниҳод ҷолиб аст, аммо дар диссертатсия таҳлили муқоисавии он, ки оё дар қонунгузории дигар кишварҳо чунин истилоҳ истифода мешавад, пурра нест. Агар ин истилоҳ дар қонунгузории хориҷӣ мавҷуд набошад, пас ворид намудани он ба қонунгузории миллӣ метавонад боиси номуайянии иловагӣ гардад.

Бо дарназардошти эродҳо ва норасоиҳои дар боло қайдшуда, бояд таъкид намуд, ки онҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзёбии умумии илмӣ, назариявӣ ва амалии рисола таъсири ҳалкунанда намерасонанд, сатҳи анҷомёфта ва мукаммалии таҳқиқро халалдор намекунанд ва арзиши натиҷаҳои илмии бадастомадаро коҳиш намедиҳанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи: «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Аминова Ф.М.

**Суроғаи муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Н. Махсум, 85/1
Тел. 227-39-86; E-mail: farida.aminova.2016@mail.ru

**Имзои Ф.М. Аминоваро тасдиқ менамоям:**
Сардори Раёсати кадрҳои муассисаи
байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Исмаилова М.Н.

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30
Тел. (+992 237) 221-35-50; Факс: (+992 237) 221-05-70
E-mail: p.rektora@mail.ru
www.rtsu.tj.ru
« 16 » 04 2026 сол